Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-044 назди Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Соибов Зайниддин Маҳмадшарифович дар мавзуи «Идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти ҳуқуқии маъмурӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.14 – Ҳуқуқи маъмурӣ; ҳуқуқи мурофиаи маъмурӣ.

Рисолаи диссертатсионии Соибов Зайниддин Маҳмадшарифович ба яке аз масъалаҳои мубрами идоракунии давлатии муосир бахшида шуда, дар он меъёрҳои ҳуқуқии танзимкунандаи раванди ташкил ва баамалбарории идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ, ки дар қонунгузории маъмурӣ ва гумрукӣ таҷассум ёфтаанд, ҳамчунин андеша, назария ва консепсияҳои илмӣ вобаста ба масъалаи баррасишаванда таҳқиқ карда мешаванд.

Ташкили идоракунии давлатии муосир дар заминаи принсипҳои давлати ҳуқуқбунёд ва демократӣ ба роҳ монда шуда, бо мақсади таъмини рушди соҳаҳои ҷамъиятӣ, ҳимояи манфиати шахсон ва иҷрои вазифаҳои давлатӣ равона мегардад. Идоракунии давлатии соҳаи фаъолияти гумрукӣ дар радифи идоракунии соҳаҳои дигари ҷамъиятӣ барои рушди соҳаҳои дахлдор муҳим буда, асоси амалишавии вазифа ва ҳадафҳои дахлдори барои Ҷумҳурии Тоҷикистон муайяншуда ба ҳисоб меравад.

Диссертант дуруст қайд менамояд, ки таҳқиқи проблемаҳои вобаста ба идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ дошта, он ба ошкор намудани мушкилот

ва норасоиҳо ва муайян намудани роҳҳои ҳалли онҳо, ҳамзамон таҳияи консепсияҳои илмӣ дар самти мазкур мусоидат менамояд.

Муаллиф дар муқаддимаи таҳқиқоти диссертатсионии худ дуруст қайд мекунад ва боиси дастгирист, ки барои ташкили дуруст, муносиб ва баамалбарории босуботи фаъолияти гумрукӣ ташкили идоракунии давлатии самаранок тақозо карда мешавад. Дар воқеъ, идоракунии давлатӣ падидаи муҳим ва марказӣ барои рушди тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ ба шумор рафта, воситаи таъмини иҷрои вазифа ва ҳадафҳои давлат дар соҳаҳои мазкур мебошад. Фаъолияти гумрукӣ низ бо ташкили идоракунии давлатӣ созгор гардида, асосҳои ҳуқуқӣ, ташкилӣ ва моддии чунин фаъолият дар заминаи он мустаҳкам мегарданд (С. 5).

Асосҳои назариявии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар асарҳои илмии олимони варзидаи соҳаи ҳуқуқи ватанӣ ва хориҷӣ инъикос ёфтаанд, ки ба таври умуминазариявӣ ва соҳавӣ баррасӣ гардида, заминаи муҳимми таҳлил ва дарки масъалаи идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ маҳсуб меёбанд, ба монанди А.И. Имомов, Р.Ш. Шарофзода, Х.О. Ойев, Д.Н. Бахрах, Э.С. Насриддинзода, Н.И. Матузов, А.С. Шабуров, В.С. Нерсесянс, А.П. Алехин, М.Н. Раҷабзода, Ю.А. Дмитриев, Б.Н. Габричидзе, Ю.Б. Порошин, А.Г. Чернявский, С.В. Халипов ва дигарон.

Бояд қайд намуд, ки асарҳои илмии олимон ва муҳаққиқони болозикр дар раванди таҳлил ва баррасии масъалаи идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳаммияти заминавӣ дошта, падидаҳо ва масъалаҳои гуногуни марбут ба мавзуи таҳқиқот дар онҳо равшан гардидаанд. Рисолаи мазкур ҷанбаҳои ҳуқуқии маъмурии идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро фаро гирифта, масъалаҳои назария ва амалияи он мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст (С. 7-9).

Ҳадафи таҳқиқоти диссертатсиониро таҳлили мутамаи табиати идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ, таҳияи консепсияҳои асосноки илмӣ роҷеъ ба масъалаи баррасишаванда, ҳамзамон бо назардошти хусусиятҳои соҳа ва таҷрибаи давлатҳои муосир дар самти

мазкур пешниҳод намудани тавсияҳо бо мақсади такмил ва рушди идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил медиҳад. Бо назардошти ҳадафи зикршуда дар таҳқиқоти диссертатсионӣ вазифаҳои мушаххас дар иртибот бо паҳлуҳои ҷудогонаи мавзӯи диссертатсия гузошта мешаванд. Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ аз он дарак медиҳанд, ки вазифаҳои гузошташуда ҳалли худро ёфтаанд.

Объекти таҳқиқоти диссертатсиониро маҷмуи муносибатҳои ҷамъиятии вобаста ба ташкил ва баамалбарории идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ ташкил медиҳад. Ба сифати мавзуи таҳқиқот бошад, меъёрҳои ҳуқуқии танзимкунандаи раванди ташкил ва баамалбарории идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ, ки дар қонунгузории маъмурӣ ва гумрукӣ таҷассум ёфтаанд, ҳамчунин андеша, назария ва консепсияҳои илмӣ вобаста ба масъалаи баррасишаванда баромад мекунанд (С. 11).

Дар ҷараёни таҳқиқоти диссертатсионӣ усулҳои гуногуни таҳқиқот, яъне усулҳои умумиилмӣ ва махсуси илмӣ мавриди истифода қарор гирифтаанд. Дар раванди таҳқиқот усулҳои умумиилмие ба монанди усулҳои умумимантиқӣ (таҳлил, синтез, шабоҳат ва ғ.), назариявӣ (тасниф, гипотеза ва ғ.), эмпирикӣ (мушоҳида, баҳодиҳӣ, индуксия, дедуксия ва ғ.), диалектика, низомнок ва ғ. истифода шудаанд.

Навгониҳои илмии таҳқиқоти диссертатсиониро нуктаҳои илмӣ, хулосаҳо ва таклифҳои муаллиф, ки дар натиҷаи таҳлили илмии идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба даст омадаанд, муайян мекунанд. Таҳқиқоти диссертатсионӣ яке аз нахустин таҳқиқоти идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар илми ҳуқуқшиносии ватанӣ ба шумор меравад.

Навгониҳои илмии таҳқиқот дар 14 банд ва 11 тавсияҳои такмили қонунгузорӣ оварда шудааст, ки ҳамаи он бо нуктаҳои илмӣ асоснок гардидаанд (С. 12-22).

Хусусан бандҳои 1, 4 ва 9 навгонӣ, ки аз ҷониби диссертант ба мафҳумҳои «Идоракунии давлатӣ», «Функсияҳои идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ» ва «Нақши Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ ҳамчун субъекти чунин раванд» бахшида шудааст, ҷолиби қайд ва дастгирӣ мебошанд.

Бандҳои 15, 16, 17, 20 ва 25 тавсияҳои дар навгонӣ овардашуда низ аз нигоҳи такмили қонунгузории амалкунандаи соҳа боиси таваҷҷуҳ ва дастгирӣ мебошад.

Андешаи муаллиф, ки идоракунии давлатӣ ба мазмуни умумӣ як намуди идоракунии иҷтимоӣ аст, ки аз дигар намудҳои идоракунӣ (идоракунии техникӣ, биологӣ, ҷамъиятӣ ва ғ.) тафовут дорад ва махсусияти фарққунандаи идоракунии давлатӣ аз дигар намудҳои идоракунӣ дар он ифода мегардад, ки дар меҳвари асосии он «давлат» қарор дорад, низ боиси дастгирӣ мебошад (С. 25).

Диссертант ҳангоми муайян намудани аҳаммияти қонуният дар идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ иброз менамояд, ки қонуният дар идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ бо риояи талаботи қонунгузорӣ (ба мазмуни воқеӣ риоя кардан, худдорӣ намудан аз амалҳои манъшударо ифода мекунад) маҳдуд нагардида, ҳамзамон иҷрои муқаррароти қонунгузориро низ дар бар мегирад. Дар иртибот бо ин, аз ҷониби муаллиф таклиф, ҷиҳати такмили мафҳуми «назорати гумрукӣ» манзур гардидааст, ки низ боиси дастгирӣ мебошад (С. 37).

Муҳтавои асосии диссертатсияи Соибов Зайниддин Маҳмадшарифович дар зиёда 55 маводи илмӣ, аз ҷумла: 3 монография, 53 мақолаҳои илмӣ, ки аз онҳо 23 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд. Ҳамзамон, муқаррароти асосӣ ва хулосаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ аз ҷониби муаллифи он дар конференсияҳои илмӣ-амалии сатҳи ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ, мизҳои мудаввар ва дигар ҳамоишҳои дар шакли маърӯзаи илмӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Дар баробари ҷанбаҳои зиёди мусбат доштани таҳқиқоти диссертатсионӣ баъзе масъалаҳои баҳснок ба мушоҳида мерасад, аз ҷумла:

1. Мувофиқи мақсад мебуд, ки дар автореферат асарҳои олимони ватании бевосита фарогирӣ таҳқиқоти мазкур бисёртар истифода мешуданд.

2. Хуб мешуд, дар боби сеюми рисолаи илмӣ таҷрибаи хориҷии мақомоти идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ ва механизмҳои танзими давлатии он махсус таҳқиқ мегардид (таҳқиқи муқоисавӣ).

Албатта масъалаҳое, ки дарҷ гардидаанд, хусусияти мубоҳисавӣ дошта, аҳаммияти илмии таҳқиқоти диссертатсиониро коста намегардонанд ва баҳои мусбати таҳқиқотро тағйир намедиҳанд.

Дар охир қайд кардан зарур аст, ки хулоса ва тавсияҳои пешниҳоднамудаи Соибов Зайниддин Маҳмадшарифович мантиқан дуруст ва илман асоснок мебошанд. Бешубҳа, натиҷаҳои таҳқиқоти илмии тақризшаванда аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ дошта, метавонанд дар фаъолияти илмӣ ва таълимӣ истифода гарданд. Дар маҷмуъ, метавон иброз намуд, ки пешниҳод, хулоса, тавсияҳо ва нуктаҳои илмие, ки дар диссертатсия иброз гардидаанд, ҷиҳати бартараф намудани холигии илми ҳуқуқшиносии ватанӣ мусоидат намоянд.

Ҳамин тариқ, таҳқиқоти диссертатсионии мазкур ба талаботи шиносномаи ихтисоси 12.00.14 – Ҳуқуқи маъмурӣ; ҳуқуқи мурофиаи маъмурӣ мувофиқ буда, мавзуи таҳқиқшаванда бори аввал дар доираи илми ҳуқуқи маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳқиқ ва таҳлил гардидааст.

Дар маҷмуъ, аз мазмуни автореферати диссертатсия бармеояд, ки таҳқиқоти диссертатсионии Соибов Зайниддин Маҳмадшарифович кори илмии мустақилона буда, хулоса ва тавсияҳои он мантиқан дуруст, илман асоснок гардида ва бaанҷомрасида мебошанд. Аз омӯзиши матни пурраи автореферат хулоса намудан мумкин аст, ки он ба талаботи банди 54 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни

соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он Соибов Зайниддин Маҳмадшарифович бошад, сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.14 – Ҳуқуқи маъмурӣ; ҳуқуқи мурофиаи маъмурӣ мебошад.

Раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони
Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон,
оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Р. Раҷабзода

Имзои «Р. Раҷабзода»-ро тасдиқ мекунам:
Мудири шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси
Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ф. Сафарзода

ДАСТГОҲИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ШУЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

«31» марти с. 2023

Раҷабзода Равшан Муҳитдин
734024 ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 42,
тел: (992 37) 221- 78-93, (992) 918 - 61 - 18 - 53
E-mail - rrm_67@mail.ru